## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-029 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо чиҳати дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Точикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи номзадии Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи “Муколамаи фарҳангҳо ва накши он дар таҳаввули низоми ичтимоӣ-фарҳангии чомеаи Точикистон”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи ичтимоӣ пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Соличонов Р. (09.00.11 – фалсафаи ичтимоӣ), раиси комиссия;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Музаффарӣ М. (09.00.11 – фалсафаи ичтимоӣ), аъзо.
- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадова М. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо;

Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи **“Муколамаи фарҳангҳо ва накши он дар таҳаввули низоми ичтимоӣ-фарҳангии чомеаи Точикистон”** ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти чамъиятии чомеаи имрузаи Точикистон бахшида шудааст.

Ташхиси диссертатсияи Бердиёрова Г.И. нишон медиҳад, ки дар шароити чаҳонишавӣ ва тағйирёбиҳои глобалии ичтимоӣ-фарҳангии дар чаҳони муосир, ки дар ҳошияи он бархурди ғояҳо, фарҳанг, тамаддунҳо сурат мегирад, дар ҳақиқат то ҳол ҳам муаммои ҳалталаби чомеаҳои муосир, аз чумла чомеаи Точикистон, боқӣ мемонад.

Диссертант барҳақ таъкид намудааст, ки гарчанде солҳои сипаригашта оид ба таъсири чаҳонишавӣ ба маънавиёт, фарҳанги миллӣ, худшиносии миллӣ ва ғайра якчанд тадқиқотҳо ба анчом расонида шудаанд. Вале ҳодисаҳое, ки дар тули вақтҳои охир дар минтақаҳои гуногуни чаҳон, аз чумла пуршиддат гаштани зиддият ва бо дастгирии ИМА ва Аврупо ба низои мусаллаҳона табдил ёфтани муносибати байнидавлатии Россия ва Украина, масъалаи мутобиқ будани раванди чаҳонишавиро ба манфиатҳои миллӣ, хусусан дар соҳаи арзишҳои ҳаёти ичтимоӣ-фарҳангӣ зери шубҳа мегузорад. Агар возеҳан гӯем, гарчанде дар ин чо баҳсу задухурдҳо барои марзу бум ҳам бошад, лекин дар асл ин мубориза ест баҳри ақида, бақоии забон, таърих ва фарҳанг меравад. Абарқудратҳо ва

доираи манфиатдори ин раванд мехоҳанд бо роҳи зӯри бар души давлатҳову миллатҳои нисбатан суст тараққӣ карда ғояҳои иртиҷоӣ ба мисли терроризму экстремизм, фашизм ва ғояҳои он, арзишҳои либералӣ ва неолибералии барои фарҳангҳои суннатӣ бегонаро бор карда, низоми иҷтимоӣ-фарҳангии онҳоро олуда намоянд ва ё ҳатто аз байн баранд.
Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр ва узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд дар канор намондааст. Баъзе тамоюлҳои ин кӯшишҳои бегонашавиро аз арзишҳои низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаамонро дар шакли костагии ахлоқ, маънавият, сухангӯй, тарзи либоспӯшӣ, рафтору кирдор, хоса дар байни ҷавонон эҳсос намудан  мумкин аст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Бердиёрова Г.И. саривақтӣ буда он аз аҳамияти амалӣ холӣ нест.

Дар ин робита дар диссертатсия дуруст муайян карда шудааст, ки муколамаи фарҳангҳо – ин воситаи ҷалби намояндагони тамаддунҳо ба баҳс, табодули назар, ҳаллу фасли масоили мухталиф, тарғиб ва ҳифзи арзишҳои моддию маънавӣ ҷиҳати бақои миллатҳо тавассути риояи фарҳанги таҳаммулгароӣ, эҳтироми якдигар ва даъват ба ҳамдилию ҳамзистӣ аст. Ба фазои фалсафаи иҷтимоӣ овардани муколамаи фарҳангҳо ҳамчун падидаи дорои хусусиятҳои хосе, ки ба доираи муошырати байни одамон дохил мешавад, ба назар мерасад. Вазифаи аз ҷиҳати назариявӣ таҳқиқ намудани муколама дар доираи мазмуну мундариҷаи иҷтимоӣ ва моҳияти ҷавҳарии ин масъала мураккаб ба шумор меравад. Аз ин ҷо, ташаккул додани назарияи умумии муколамаи фарҳангҳо муҳим аст, ки печидагӣ ва мураккабии ин вазифаро муайян ва равшан сохта, бо шаклҳои мушаххаси таърихии ҳаёти инсон робитаи зич дошта бошад.

Аз ташхиси рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Манобеи истифода намудааш аз сарчашмаҳои аввал ва мӯътабари илмӣ аст, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмияш мақолаҳо дар маҷаллаҳо интишор дода, дар анҷуманҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ тавонистааст, ки дар асоси таҳлил ва омӯзиши маводи мавҷуда дигаргуниҳои дар низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи

Тоҷикистон ба амал омада истода, мушкилиҳо, хавфу хатари онро муайян намуда, роҳҳои пешгирии онро пешниҳод карда тавонистааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:

- таҳлили генезиси гуфтугӯи фарҳангҳо дар доираи анъанаҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ ба иҷро расида, нишон дода шудааст, ки дар фалсафаи иҷтимоӣ дарки табиати шаклҳои муколамаи фарҳангӣ ва фазои муколама дар ташаккули шуури иҷтимоӣ-фарҳангӣ чӣ гуна тағйир ёфтаанд;

- рушди ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии муосир дар доираи ҷаҳонишавӣ тавассути диалектикаи глобалӣ ва маҳаллӣ, дифференсиалӣ ва интегралӣ, қонунӣ ва маргиналӣ пешниҳод карда мешавад;

- нишон дода шудааст, ки муколама роҳи барқароршавии ваҳдати маънавӣ дар сатҳи байнишахсӣ ва фарҳангӣ мебошад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо омили пешбарандаи ҳифзи якпорчагии фазои фарҳангӣ мебошад;

- асоснок карда шудааст, ки дар ташаккул ва тавсеаи гуфтугӯи тамаддунҳо ба сифати сарчашмаи назариявӣ ва амалӣ осори насрию назмӣ ва фалсафии тамоили ахлоқӣ ва инсоншиносӣ доштаи мутафаккирони тоҷику форс оид ба пайдоиши олам, низоми коинот, ҳикмати давлатдорӣ ва оиладорӣ хизмат карданд;

- муқаррар шудааст, ки дар шароити рафъи бuҳрони маънавиёт ва ҳифзи якпорчагии фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон муколама шакли созандаи муносибатҳои байнифарҳанги халқҳои муқими он ва роҳи беҳтарини ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоии онҳо мебошад;

- асоснок карда шудааст, ки дар давраи истиқлолият асоси давлатдории миллии тоҷиконро низоми дунявият, арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии умумиинсонӣ ташкил медиҳанд. Ифротгароӣ, ки дар заминаи низоъҳои динию мазҳабӣ ва миллӣ пайдо шуда, идеологияи онҳо раванди бархӯрди тамаддунҳоро метезонад, ба ҳастии инсоният хатар дорад.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани дастурҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Дар натиҷа ҳайти комиссия ба чунин хулоса омад:

1. Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи "Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи

буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад;

2. Диссертатсия ба ихтиссоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.
3. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат менамояд.
4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар 5 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расидаанд;
5. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст
6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба диссертатсия ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъйин карда шавад.
7. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Бердиёрова Г.И. мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Усмонзода Хайриддин Усмон д.и.ф., профессор узви вобастаи АМИТ, директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Абилозода Гуландом Сардор н.и.ф., мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
10. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Соличонов Р.

Аъзоёни комиссия:
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор, узви вобастаи АМИТ /____________/ Музаффарӣ М.

18.04.2023

Доктори илмҳои фалсафа: /____________/ Маҳмадова М. Ф.